**ХУЛОСАИ**

**Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгохи давлатии молия ва иқтисодн Тоҷикистон ба диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шаропов Ф.Р. -раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Ш.Б, аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегматов А.А. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносои бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Асоев Илҳом Зикрёевич хулосаи зеринро қабул намуд:

*I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Асоев Илҳом Зикрёевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Асоев Илҳом Зикрёевич, 12-уми сентябри соли 1980 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2002 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дохил шуда,соли 2007 донишгоҳи номбурдаро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ хатм намудааст.

Соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2012 аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм кардааст.

Соли 2015 ба шӯъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2017 бо ихтисоси кори бонкӣ хатм намудааст.

Солҳои 2017-2020 дар зинаи докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намуда, накшаи таълимиро пурра иҷро кардааст.

Аз соли 2012 то соли 2014 ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, аз соли 2014 то 2015 ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети молиявию иқтисодӣ, аз соли 2015-2019 ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия, соли 2019-2021 ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, аз соли 2021 то инҷониб муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии факултети молиявию иқтисодӣ фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28-уми октябри 2017 сол, тахти суратҷаласаи №3 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси нақшаи таълимии шӯъбаи докторантураи (PhD), докторант Асоев Илҳом Зикрёевич дар ҳаҷми 180 кредит иҷро намуда имтиҳони комплексиро супорид.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааид.

### *II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 3 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолаги матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаaанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

1. Диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Ойматов Бахтиёр Шорахматович номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Коминссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқӣ даснавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯихати ташкилотҳое, ки авторефарати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ:**
**аъзои шурои диссертатсионӣ** **Шаропов Ф.Р**

**Аъзоёни комиссия:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ҷонмамадов Ш.Б**
**аъзои шурои диссертатсионӣ**

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**аъзои шурои диссертатсионӣ** **Бегматов А.А.**

Дурустии имзоҳои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям:

**Сардори ШК ва корхои**
**махсуси ДДМИТ, н.и.х,.** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ